ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масуниятшиносӣ пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки бемории сили ҳайвонот яке аз бемориҳои музмини сироятии хавфнок мебошад ва аҳамияти баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Ин беморӣ на танҳо боиси камшавии маҳсулнокӣ ва зарари ҷиддии иқтисодӣ ба хоҷагиҳои чорводорӣ мегардад, балки ҳамчун бемории зоонозӣ барои саломатии инсон хатари калон дорад.

Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич соли 2007 ба факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо ихтисоси духтури «Тибби ветеринарӣ» дохил шуда, онро соли 2012 бо дипломи маълумоти олӣ хатм намудааст. Аз соли 2014 ҳамчун аспирант ва минбаъд ҳамчун ассистенти кафедраи микробиология ва эпизоотологияи факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолияти илмӣ мебарад. Кори диссертатсионии Рабиев Ҳ.М. аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва дараҷати омӯзиши масъала, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола инъикос ёфтааст.

Дар боби якум таҳлили амиқи адабиёти соҳавии ватанию хориҷӣ, дар боби дуюм мавод ва усули тадқиқот, дар бобҳои сеюм, чорум ва панҷум натиҷаҳои тадқиқоти хусусӣ, дар боби шашум бошад, муҳокимаи натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

Дар хулосаҳо ва тавсияҳо, истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот пешниҳод гардидааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун ва мақолаҳои илмии нашргардида, ки вобаста ба мавзуъ 15 мақола, аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар дигар нашриёт мебошад, инъикос ёфтаанд. Илова бар ин, ӯ 2 тавсияи методиро таҳия намудааст, ки онҳо аз ҷониби Раёсати Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда, дар хоҷагиҳои

чорводории ҷумҳурӣ татбиқ шуда истодаанд. Ӯ ҳамчунин муаллифи 2 китоби дарсӣ мебошад.

Рабиев Ҳ.М. инчунин дорои нахустпатент оид ба ихтирои “Тарзи ташхиси бемории сил дар ҳайвоноти калони шохдор” (TJ№635) мебошад ки дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Тоҷикистон аз 05.11. соли 2014 ба қайд гирифта шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи “Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои биологӣ Раҳматзода Н.Р.
«05» 09 с.2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи А.Сино, хонаи 130/2, ҳуҷраи 51
Тел: +992988218888;907673772
Email: Nahtullo1970@mail.ru
Имзои Раҳматзода Н.Р. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru

«05» 09 с.2025